ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

# НИЗОМНОМАИ
# ШӮРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ТИББӢ-ПРОФИЛАКТИКӢ

Душанбе 2021

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Раиси Шӯрои олимон,
Ректори МДТ «ДДТТ ба номи
Абӯалӣ ибни Сино», д.и.т.,профессор
________________ Гулзода М.Қ.
«___» __________с.2021

# НИЗОМНОМАИ
# ШӮРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ТИББӢ-ПРОФИЛАКТИКӢ

**Душанбе 2021**

| № | МУНДАРИЧА | Саҳифа |
|---|---|---|
| 1. | Муқаррароти умумӣ | 4 |
| 2. | Ташкили фаъолияти Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” | 4 |
| 3. | Салоҳиятҳои Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» | 6 |
| 4. | Тартиби ташкили кори Шӯрои олимони факултет | 7 |
| 5. | Қарорҳои Шӯрои олимони факултет | 8 |
| 6. | Варақаи мувофиқа | 10 |
| 7. | Варақаи қайди тағйиротҳо | 11 |
| 8. | Варақаи шиносоӣ | 12 |

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оиннома»-и МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино», «Низомномаи факултети тиббӣ-профилактикӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2.Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикӣ бо мақсади баррасии масъалаҳои асосии фаъолияти таълимию тарбиявӣ, илмию методӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми пешбурди кори факултет таҳти роҳбарии декани факултет бо фармоиши ректори Донишгоҳ таъсис дода мешавад.

3.Вазифаи асосии Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикӣ муайян кардани самтҳои амалкунанда ва дурнамои фаъолияти факултет дар роҳи тайёр кардани кадрҳои ҷавобгӯи талаботи замон, муттаҳид кардани қувваи роҳбарияти факултет бо кормандони илмӣ-педагогӣ, таълимӣ-ёрирасони факултет, ҳамоҳангсозии фаъолияти таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-тақиқотӣ ва тарбиявии кафедраҳо мебошад.

# 2. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ТИББ-ПРОФИЛАКТИКИИ МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”

4.Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикӣ мақоми интихоботии пешбарикунанда ба шумор рафта, намояндагии ҳайати факултети тиббӣ-профилактикиро ба ухда дорад. Тартиби таъсисдиҳӣ, фаъолият, салоҳиятҳо ва интихоби ҳайати Шӯрои олимони факултет мутобиқи “Оиннома”-и Донишгоҳ, Низомномаи факултети тиббӣ-профилактикӣ ва Низомномаи мазкур муқаррар карда мешавад.

5. Ба ҳайати Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикии Донишгоҳ аз рӯи вазифа декан, муовини декан ва мудирони кафедраҳо дохил мешаванд. Аъзоёни боқимондаи ҳайати Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикӣ тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси умумии факултет интихоб карда мешаванд, ки теъдоди онҳо бояд аз теъдоди аъзои аз рӯи вазифа ба ҳайати Шӯрои олимон дохилгардида зиёд бошад.

6. Ба ҳайати Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикӣ ҳамчунин раисони Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон, донишҷӯён ва раисони созмонҳои ҷамъиятии факултет интихоб карда мешаванд.

7. Намояндагони воҳидҳои сохтории факултети тиббӣ-профилактикӣ вақте аъзои Шӯрои олимон интихобгардида ҳисоб мешаванд, ки агар ба номзадии онҳо беш аз 50%-и кормандони дар маҷлиси умумии факултет иштирокдошта, овоз диҳанд.

8. Ҳайати Шӯрои олимон факултети тиббӣ-профилактикӣ ва ворид намудани тағйирот ба он бо фармоиши ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

9. Муҳлати фаъолият намудани Шӯрои олимони факултети тиббӣ 5 сол муқаррар карда мешавад. Кори Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикии Донишгоҳ тибқи нақшаи барои як соли таҳсил тасдиқ гардида, ба роҳ монда мешавад.

10. Шӯрои олимон ҳангоми иштирок доштани аз 2/3 ҳиссаи аъзоён ҳуқуқи қабул намудани қарорро дорад. Қарори Шӯрои олимон дар ҳолате қабулгардида ҳисобида мешавад, ки агар ба тарафдории он беш аз 50%-и аъзоёни дар ҷаласа иштирокдошта овоз диҳанд. Қарори Шӯрои олимон пас аз гузоштани имзои декан ҳукми қонунӣ пайдо мекунад.

11. Иҷрои қарори Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикии Донишгоҳ барои кормандони тамоми воҳидҳои сохторӣ ва донишҷӯёни факултет ҳатмӣ мебошад.

12. Қарори Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикӣ танҳо бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ тибқи пешниҳоди ректор ё муовини ректор оид ба корҳои таълимию методӣ бекор карда мешавад.

13. Ташкили Корҳои ҷорӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ дар Шӯрои олимони факултети тиббӣпрофилактикии Донишгоҳ ба уҳдаи котиби Шӯро, ки бо қарори Шӯрои олимони факултет аз ҳисоби аъзоёни он интихоб мегардад, гузошта мешавад.

14. Масъалаҳои аз ҷониби факултети тиббӣ-профилактикӣ ба Шӯрои олимони Донишгоҳ пешниҳодшаванда, бояд пешакӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултет мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

15. Ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикии Донишгоҳ - ҷаласаҳо кушод буда, кормандони факултет метавонанд дар онҳо бе ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок намоянд. Шахсони дигар дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет бо қарори алоҳидаи он ва даъвати котиби Шӯро иштирок менамоянд.

## 3. САЛОҲИЯТҲОИ ШӮРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ТИББӢ - ПРОФИЛАКТИКИИ МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

16. Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикии Донишгоҳ чунин салоҳият дорад:

- дар ҷаласаи аввал теъдоди умумии аъзоёнро муайян намуда, ҳайат ва нақшаи кори солонаро тасдиқ мекунад;
- реҷаи кори ҷаласаи Шӯроро муайян мекунад;
- ҳамоҳангии фаъолияти тамоми сохторҳои факултети тиббӣ-профилактикиро таъмин менамояд;
- масъалаҳои ба таъсис, барҳам додан, ворид намудани тағйироту иловаҳоро дар номи кафедраҳо ва дигар воҳидҳои сохтории дахлдорро пешакӣ муҳокима менамояд;
- ҳисоботи солонаи декани факултети тиббӣ-профилактикиро шунида, баҳо медиҳад;
- номзадии кормандони факултети тиббӣ-профилактикиро барои интихоб ба ҳайати Шӯрои олимони Донишгоҳ муҳокима ва пешниҳод менамояд;
- номзадии довталабонро барои дарёфти унвонҳои илмии профессор ва дотсентҳои кафедраҳо ё иштирок дар озмуни ишғоли вазифаҳои мудир, профессор, дотсент ва муаллими калони кафедра мавриди муҳокима қарор дода, ба Шӯрои олимони Донишгоҳ пешниҳод мекунад;
- номзадии кормандони факултетро барои дарёфти унвонҳои академӣ, фахрӣ, мукофотҳои давлатӣ ва ҳавасмандгардонии молиявӣ пешниҳод менамояд;
- масъалаҳои таъсис ё барҳам додани ихтисосҳо ва ворид намудани тағйиротро дар шакли тайёр намудани мутахассисон мавриди муҳокима қарор дода, ба Шӯрои олимони Донишгоҳ пешниҳод мегардонад;
- нақшаҳои таълимии кории аз руйи ихтисос ва нақшаҳои талимии фардии донишҷӯёнро тасдиқ менамояд;
- масъалаҳои қабули хатмкунандагонро ба зинаҳои таҳсилоти магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD)) ва аспирантура муҳокима намуда, мавзӯи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, роҳбарони илмӣ ва барномаҳои имтиҳонии онҳоро тасдиқ менамояд;
- масъалаҳои ташкили раванди таълимро мунтазам мавриди баррасӣ қарор медиҳад;
- масъалаҳои ҷалби донишҷӯён ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотиро муҳокима мекунад;

- оид ба масъалаҳои ба сатҳи сифати таҳсилот ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос алоқаманди факултети тиббӣ-профилактикӣ қарорҳои дахлдор қабул мекунад;
- нақшаи мавзӯъҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотиро баррасӣ намуда, масъалҳои барои корҳои афзалиятнок ҷудо намудани маблағро ҳал менамояд;

## 4. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ КОРИ ШӮРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТ

17. Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикӣ дар асоси нақшаи барои як сол таҳияшуда ва на дертар аз як моҳ то саршавии соли тақвимӣ тасдиқшуда амал мекунад.

18. Нақшаи кори Шӯрои олимон дар асоси тавсияҳои аъзои Шӯрои олимон бо дар назардошти пешниҳодҳои бахшҳои сохтории факултет, ки котиби илмӣ барои ҳамроҳ кардан ба самъи Шӯрои олимон расонидааст, сохта мешавад.

19.Ҷаласаи Шӯрои олимон, маъмулан, моҳе як маротиба гузаронида мешавад, рӯзи баргузории онро Раиси Шӯрои олимон муайян мекунад.

20. Ҷаласаи Шӯрои олимон дар ҳолати ҳозир будани на камтар аз нисфи аъзои он босалоҳият ҳисобида мешавад. Ҳангоми баррасии масъалаҳои молиявӣ ва дигар масъалаҳоои марбут ба интихоби кормандони илмӣ – педагогӣ аз рӯи озмун, микдори аъзои Шӯрои олимон бояд на камтар аз 2/3 ҳиссаи микдори умумии аъзои Шӯрои олимонро ташкил диҳад.

21. Маҷлиси ғайринавбатии Шӯрои олимонро дар мавридҳои истисноӣ бо ташаббуси декани факултет ва иштироки на камтар аз 2/3 ҳиссаи аъзои он гузаронидан мумкин аст. Огоҳнома дар бораи даъват кардани ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои олимон, ки ба он ташаббускорон имзо кардаанд, барои ба аъзои Шӯрои олимон на дертар аз як ҳафта то доиршавии ҷаласа расонидан, ба котиби илмӣ супорида мешавад. Дар огоҳинома рӯзномаи маҷлис нишон дода мешавад ва ба он ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

22. Рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯрои олимонро котиби вай на камтар аз як ҳафта то рӯзи ба нақшагирифташудаи он месозад ва Раиси Шӯрои олимон рӯзномаро тасдиқ мекунад.

23. Аъзои Шӯрои олимон – шахсони вобаста ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа гузоришдиҳанда маводро ба котиби Шӯро на дертар аз 5 рӯзи тақвимӣ то саршавии ҷаласаи Шӯрои олимон дар шакли чопӣ ва

электронӣ пешниҳод мекунанд. Агар дар муҳлати муқарраршуда мавод пешниҳод карда нашавад, Раиси Шӯрои олимон дар хусуси дар рӯзномаи маҷлис боқӣ мондан ё намондани масъалаи мазкур қарор қабул мекунад.

24. Котиби Шӯро на дертар аз 3 рӯзи тақвимӣ ба самъи тамоми аъзои Шӯрои олимон рӯзномаи ҷаласа ва маводи онро мерасонад.

25. Ҷаласаи Шӯрои олимон барои тамоми омӯзгорон ва дигар категорияи кормандону донишҷӯёни факултет кушода аст. Дар ҷаласаи Шӯрои олимон бо доштани ҳуқуқи овози машваратӣ шахсони даъватшуда иштирок карда метавонанд. Котиби илмӣ дар оғози маҷлис аъзои Шӯрои олимонро аз ҳузури даъватшудагон дар ҷаласа огоҳ менамояд ва сабаби инро шарҳ медиҳад.

26. Қарори Шӯрои олимон бо аксарияти овозҳои аъзои дар маҷлис иштироккунандаи Шӯрои олимон қабул карда мешавад.

27. Дар ҳолати баробар будани овозҳои «тарафдор» ва «зид» - и аъзои Шӯрои олимон дар ҳамин маҷлис баррасии такрории масъала гузошта мешавад.

28. Дар ҳолати овоздиҳии такрорӣ низ баробар будани овозҳо масъала аз овоздиҳӣ боз дошта шуда, баррасии он ба маҷлиси навбатӣ гузаронида мешавад.

29. Шакли овоздиҳӣ (ошкор ё махфӣ) дар маҷлис бо қарори Шӯрои олимон муайян карда мешавад.

30. Барои гузаронидани овоздиҳии махфӣ комиссияи ҳисобкунӣ таъйин карда мешавад, вай натиҷаи овоздиҳиро муайян ва ба самъи аъзои Шӯрои олимон мерасонад. Натиҷаи овоздиҳиро тасдиқ мекунад ва дар суратҷаласаи худ сабт мекунад.

31. Шӯрои олимон ҳангоми баррасии масъалаи интихоби довталабон аз рӯи озмун барои ишғоли вазифаҳои холии (вакантии) ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони илмӣ санадҳои тасдиқшудаи соҳавиро оиди ин масъала ба назар мегирад.

32. Муҳокимаи масъалаҳо ҷиҳати гузаронидани озмун барои ишғол намудани вазифаҳо тибқи тартиби муқарраргардида бо овоздии пинҳонӣ сурат мегирад.

## 5. ҚАРОРҲОИ ШӮРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ТИББӢ-ПРОФИЛАКТИКӢ

33. Аз натиҷаи суратҷаласаи Шӯрои олимон қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд ва дар он Раиси Шӯро ва котиби он имзо мегузоранд. Қарорҳои Шӯрои олимон дар охири ҷаласа хонда мешавад ва дар

давоми 3 рӯзи пас аз маҷлис нусхаи он ба ҳамаи аъзои он (новобаста аз иштирокашон дар ҷаласа) расонида мешавад. Барои шахсоне, ки аъзои Шӯрои олимон нестанд, вале ба иҷроиши қарорҳои он алоқамандӣ доранд, нусхаи он расонида мешавад. Нусхаи аслии карорҳои Шӯрои олимон дар ҷузвдонҳои дахлдори деканати факултет нигоҳ дошта мешавад.

34. Қарорҳои Шӯрои олимон бо супориши декани факултет амалӣ мешаванд ва иҷрои онҳо барои мудирони кафедраҳо, ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони таълимиву ёрирасони факултет, ҳамчунин дигар кормандони бахшҳои сохтори факултет ва донишҷӯён ҳатмист.

35. Қарорҳои Шӯрои олимони факултети тиббӣ-профилактикӣ оид ба масъалаҳои таълимӣ ва илмии факултет бо овоздиҳии ошкоро, бо ҷонибдории аксарият қабул карда мешавад.

36. Барои ичрои қарорҳои Шӯрои олимони факултет муҳлат дода мешавад. Назорати мунтазами иҷрои қарорҳои Шӯрои олимонро Раиси Шӯро ташкил намуда, дар бораи онҳо ба аъзои Шӯро маълумот медиҳад.

## 6. ВАРАҚАИ МУВОФИҚА

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи мувофиқа | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба корҳои таълимию методӣ | Ибодзода С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Муҳаббатзода Ҷ.Қ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои муоличавӣ | Қобилов Қ.К. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 5. | Котби Шӯрои олимони МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» | Бабаева Л.Н. | | |
| 6. | Сардори хадамоти ректор | Носирӣ Қ.Н. | | |
| 7. | Сардори раёсати рушди кадрӣ | Абдуллозода С.М. | | |
| 8. | Директори маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудзода Х.Р. | | |
| 9. | Сардори шуъбаи назорати ҳуқуқӣ | Саидзода Ҷ.З. | | |

# 7. ВАРАҚАИ ҚАЙДИ ТАҒЙИРОТҲО

| № п/п | Асос барои ворид намудани тағйирот | Рақами саҳифа | Тафсири кӯтоҳи тағйирот | Санаи воридкунӣ | Ному насаб ва имзои тағйирот ворид намуда |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

# 8. ВАРАҚАИ ШИНОСОӢ

| № | Вазифаи ишғолкарда | Ному насаб | Санаи шиносоӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Декани фак. | Мирзоев Х.М | | |
| 2. | Муовини декан | Ҳурматов Б.Х | | |
| 3 | Коргузор | Самадӣ М | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |